# Шарҳи моҳонаи таваррум • Марти 2019

**Тибқи маълумотҳои оморӣ сатҳи таваррум[1] дар моҳи марти соли равон нисбатан раванди мўътадил дошта, ба 0,3 фоиз баробар гардид, ки дар муқоиса ба моҳи гузашта 0,3 банди фоизӣ (б.ф.) кам мебошад.**

Дар моҳи баррасишаванда таварруми ҳосилшуда асосан аз афзоиши нархи молҳои ғайрихўрокворӣ 0,7 фоиз (саҳм дар таваррум 0,2 б.ф.) ва арзиши хизматрасониҳои пулӣ ба аҳолӣ 0,6 фоиз (0,1 б.ф.) ба амал омад. Ҳамзамон, бояд қайд намуд, ки нархи маҳсулоти хўрокворӣ дар умум раванди мўътадил дошта, бетағйир монд.

Дар давраи ҳисоботӣ дар сохтори молҳои ғайрихўрокворӣ қиматшавии нархи гази моеъ ба андозаи 10,6 фоиз, либос ва пойафзол 0,7 фоиз ва маводи шустушўӣ 0,8 фоиз ба қайд гирифта шуд. Ба болоравии нархи гази моеъ дар моҳи баррасишаванда асосан омили мавaққатӣ, номусоиди обу ҳаво дар минтақаҳои баландкўҳ, ки ҳаракати нақлиётро (ҳангоми интиқоли маводи сўзишворӣ, аз қабили бензин ва гази моеъ дар мошинҳои боркаш) дар шоҳроҳҳои асосии пайвасткунандаи минтақаҳои ҷумҳурӣ мураккаб намуд ва то андозае ба коҳишёбии он дар нуқтаҳои фурўши сўзишворӣ ба амал омада, таъсири худро ба болоравии нархи гази моеъ замина гузошт.

Нарху тарифҳои хизматрасониҳои пулӣ ба аҳолӣ дар моҳи ҳисоботӣ бинобар омилҳои маъмурӣ тамоюли болоравӣ дошта, асосан аз ҳисоби қимат шудани арзиши хизматрасонии манзилию коммуналӣ 2,0 фоиз (гази моеъ 10,6 фоиз) ба амал омад.

Ҳамзамон, дар моҳи баррасишаванда қиматшавии нархи баъзе аз маҳсулоти хўрокворӣ, аз қабили маҳсулоти гўштӣ, меваҷот, биринҷ, ба қайд гирифта шуд. Аз тарафи дигар нархҳои шакар, тухм, макарон, сабзавот ва маҳсулоти ширӣ раванди коҳишёбӣ доштанд.

**Ҳамин тариқ, сатҳи таварруми солона (дар 12 моҳи охир) тамоюли мўътадили болоравӣ дошта, дар моҳи марти соли 2019 ба 7,8 фоиз баробар шуд. Тибқи таҳлилҳо интизор меравад, ки вобаста ба “эффекти базавӣ” ва омилҳои асосии кўтоҳмуддат ба сатҳи таваррум таъсиррасон, инчунин болоравии нархҳои маҳсулоти воридотӣ ва пешниҳоди онҳо,**

**Таварруми моҳона ва солона, бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Таъсири омилҳои мавсимӣ ва берунӣ ба таваррум, бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Афзоиши гурўҳи нархҳои истеъмолӣ ва саҳми сохтории онҳо дар таваррум, бо % солона**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)



**сатҳи таваррум андаке баланд гардида, то интиҳои сол ба ҳудуди муқарраршудаи нишондиҳандаи мақсаднок 7,0% (±2 б.ф.) дар давраи миёнамуҳлат бар мегардад.**

Сатҳи таварруми аслӣ** дар моҳи марти соли ҷорӣ 0,2 фоизро[2] ташкил дода, бо арзёбии солона ба 2,7 фоиз[3] баробар шуд. Ба ин раванд нисбатан муътадил будани сатҳи нархҳои молҳои ғайрихӯрокворӣ (либос ва пойафзол, маҳсулоти таъмир ва сохтмон, маводи шустушӯй лавозимот ва ашёи дигари истифодабарии шахсӣ) бештар саҳмгузорӣ намуданд.

**Аз ин лиҳоз, Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади бартараф намудани фишорҳои иловагӣ ба сатҳи таваррум ва то интиҳои сол ноил гардидан ба нишондиҳандаи мақсадноки таварруми пешбинишуда татбиқи сиёсати мутавозини монетариро идома хоҳад дод.**

**Таварруми аслӣ, бо %, солона**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Нишондиҳандаи мақсадноки таварруми солона барои давраи миёнамуҳлат, бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




[1] - тибқи маълумоти Агентии омор
[2] - м/м – моҳ нисбат ба моҳ (тағйирёбии моҳона)
[3] - с/с – сол нисбат ба сол (тағйирёбии солона)

**Дар ҷаласаи навбатии Кумитаи сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон, ки 2 августи соли 2017 баргузор гардид, Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати гузариш аз низоми ҳадафгирии нишондиҳандаҳои монетарӣ ба низоми ҳадафгирии таваррум, нишондиҳандаи мақсадноки таваррумро барои давраи миёнамуҳлат муқаррар ва нашр намуд.*

**Таваррумӣ аслӣ, ки тамоюли дарозмуддати нархҳоро бе таъсири лаппишҳои кӯтоҳмуддат инъикос менамояд, бо мақсади баҳодиҳӣ ва таҳлили ҷараёни доимии тағйирёбии сатҳи нархҳо дар асоси маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (Агентии омор) аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ҳисоб карда мешавад. Ҳамчун яке аз қисматҳои таркибии таваррумӣ умумӣ (намояи нархҳои истеъмолӣ) таваррумӣ аслӣ раванди устувор ва дарозмуддати тағйирёбии нархҳоро, ки зери таъсири омилҳои талаботи дохилӣ ва монетарӣ ба вуҷуд омадааст, инъикос менамояд. Усули асосии ҳисоби таваррумӣ аслӣ - усули истисноӣ буда, он бо роҳи хориҷ кардани номгӯи алоҳидаи маҳсулот ва хизматрасониҳои тамоюли тағйирёбии зиёддошта, ки бо тағйирёбии аслии сатҳи нархҳо алоқаманд нест, ҳисоб карда мешавад. Аз сабади намояи нархҳои истеъмолӣ номгӯи маҳсулоти бо лаппишҳои кӯтоҳмуддат ва гузарандаи аз таъсири омилҳои ғайримонетарӣ вобастабуда, аз ҷумла омилҳои таклифот (нархҳои ҷаҳонӣ, шароити табиӣ), мавсимӣ ва маъмурӣ хориҷ карда мешаванд. Яъне, дар ҳисоби таваррумӣ аслӣ маҳсулоти хоми хӯрокворӣ, маводи сӯзишворӣ ва хизматрасониҳои маъмуран танзимшаванда ба инобат гирифта намешаванд.

## Намояи нархҳои истеъмолӣ*

| | Вазн,% | 2015 | 2016 | 2017 | тағйирёбии солона,% | | | | | | | | | | | | | | | Март, тағйирёбии моҳона,% |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | 2018 | | | | | | | | | | | | 2019 | | | |
| | | | | | Январ | Феврал | Март | Апрел | Май | Июн | Июл | Август | Сентябр | Октябр | Ноябр | Декабр | Январ | Феврал | Март | |
| **Таваррум** | **100,0** | **5,1** | **6,1** | **6,7** | **6,5** | **5,2** | **2,5** | **1,9** | **1,7** | **1,6** | **2,3** | **3,5** | **5,0** | **5,3** | **5,5** | **5,4** | **5,6** | **6,4** | **7,8** | **0,3** |
| **Маҳсулоти хӯрокворӣ ва нӯшокиҳои беспирт** | **53,1** | **3,8** | **6,4** | **7,7** | **7,3** | **5,4** | **0,9** | **0,0** | **-0,5** | **-2,1** | **-1,9** | **0,7** | **4,8** | **5,6** | **4,9** | **4,9** | **6,3** | **7,9** | **10,2** | **0,0** |
| Нон ва маҳсулоти нонӣ | 17,5 | 9,1 | -2,5 | -0,8 | -0,9 | -1,4 | -3,4 | -4,2 | -4,7 | -4,2 | -2,1 | -0,8 | 4,5 | 6,0 | 8,6 | 8,9 | 13,2 | 15,8 | 19,7 | 0,2 |
| Биринҷ | 2,9 | 11,6 | -9,2 | -6,9 | -7,0 | -5,4 | 1,9 | 3,2 | 5,9 | 8,1 | 10,2 | 13,1 | 15,8 | 16,3 | 17,9 | 19,5 | 20,7 | 21,9 | 22,1 | 2,2 |
| Орд | 10,7 | 7,8 | -3,0 | 0,3 | 0,2 | -0,6 | -6,0 | -7,5 | -8,5 | -8,2 | -5,5 | -4,3 | 3,9 | 6,3 | 9,8 | 9,9 | 16,0 | 18,7 | 25,3 | -0,4 |
| Гӯшт ва маҳсулоти он | 8,3 | -10,2 | 3,7 | 13,8 | 14,0 | 13,4 | 13,5 | 8,9 | 5,2 | 4,9 | 4,5 | 5,8 | 6,7 | 5,8 | 6,0 | 8,6 | 9,4 | 10,2 | 10,4 | 0,9 |
| Гӯшти гов | 5,4 | -14,3 | 3,2 | 14,7 | 15,0 | 14,1 | 14,0 | 7,8 | 3,0 | 3,0 | 2,8 | 5,1 | 6,1 | 5,7 | 5,7 | 8,9 | 9,7 | 11,2 | 11,4 | 0,3 |
| Тухм | 1,5 | 5,5 | 12,0 | 1,0 | 0,1 | 1,9 | -0,6 | 2,4 | 4,7 | 0,1 | -4,2 | 0,0 | 7,7 | 11,5 | 7,6 | 3,9 | 1,8 | -2,0 | 6,6 | -3,5 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | 1,7 | 7,3 | 0,4 | 4,4 | 3,7 | 4,6 | 2,3 | 5,0 | 6,1 | 3,7 | 3,9 | 3,9 | 3,4 | 6,0 | 3,9 | 4,1 | 2,6 | 2,4 | 3,1 | -1,9 |
| Шир | 0,5 | 16,1 | -7,2 | 6,3 | 6,3 | 4,5 | -2,2 | 4,1 | 7,2 | 0,7 | 0,9 | 0,7 | -1,4 | 5,4 | 1,3 | 1,3 | -2,1 | -1,6 | 0,0 | -8,5 |
| Равғани рустанӣ ва ҳайвонот | 5,7 | 12,7 | 11,3 | 1,3 | 0,0 | -1,6 | -2,5 | -2,2 | -3,6 | -0,8 | 3,5 | 4,0 | 4,7 | 7,8 | 7,5 | 9,2 | 9,1 | 9,6 | 10,4 | 0,0 |
| Меваҷот | 4,3 | 12,3 | 16,7 | -1,8 | -0,3 | 3,9 | 6,4 | 15,7 | 24,5 | 24,2 | 51,6 | 36,9 | 18,2 | 7,2 | 6,9 | 4,0 | 2,3 | -3,0 | -4,0 | 1,8 |
| Сабзавот | 6,6 | -12,4 | 16,5 | 40,2 | 37,1 | 21,2 | -6,4 | -9,7 | -13,1 | -23,8 | -34,4 | -21,9 | -1,4 | 4,2 | -6,6 | -10,7 | -9,7 | -3,6 | 3,7 | -0,6 |
| Шакар | 2,4 | 19,3 | 15,0 | -6,7 | -7,3 | -7,9 | -10,1 | -17,3 | -17,5 | -11,2 | -16,8 | -13,8 | -11,3 | -6,3 | -3,0 | 2,7 | 4,4 | 4,5 | 5,7 | -0,7 |
| Нӯшокиҳои беспирт | 1,3 | 13,7 | 19,9 | 1,6 | 2,7 | 0,3 | 0,6 | 2,0 | 3,9 | 3,3 | 4,0 | 3,6 | 3,6 | 3,3 | 3,2 | 2,8 | 2,5 | 5,4 | 5,1 | 0,0 |
| **Хӯроки умумӣ**** | **0,9** | **14,9** | **19,9** | **2,7** | **2,7** | **3,9** | **3,9** | **3,9** | **3,9** | **3,9** | **5,2** | **5,2** | **6,9** | **6,9** | **3,1** | **8,0** | **8,0** | **6,7** | **6,7** | **0,0** |
| **Нӯшокиҳои спиртдор ва тамоку** | **1,4** | **15,9** | **11,8** | **6,2** | **6,2** | **7,1** | **8,0** | **8,2** | **7,5** | **4,7** | **6,2** | **6,8** | **6,4** | **5,7** | **4,5** | **5,4** | **6,5** | **4,6** | **3,8** | **0,3** |
| **Маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ** | **29,2** | **7,9** | **5,7** | **4,4** | **4,3** | **4,1** | **4,0** | **3,8** | **4,2** | **5,8** | **6,7** | **5,9** | **5,7** | **5,9** | **6,2** | **6,4** | **6,3** | **5,6** | **6,3** | **0,7** |
| Либос ва пойафзол | 9,7 | 9,2 | 14,5 | 9,2 | 2,5 | 2,7 | 3,0 | 3,8 | 4,0 | 4,9 | 5,4 | 5,2 | 4,6 | 4,7 | 4,9 | 5,6 | 14,4 | 14,3 | 14,7 | 0,7 |
| Масолеҳи таъмир ва сохтмон | 3,7 | 2,2 | -0,9 | 2,4 | 2,5 | 4,9 | 4,9 | 5,5 | 6,0 | 6,1 | 6,7 | 6,0 | 7,0 | 6,9 | 6,9 | 7,3 | 7,8 | 5,5 | 6,0 | 0,5 |
| Маводи шустушӯй | 1,8 | 15,5 | 1,2 | 4,0 | 3,1 | 4,0 | 4,0 | 3,3 | 1,5 | 0,7 | 1,9 | 1,9 | 3,2 | 4,9 | 5,7 | 6,2 | 6,2 | 6,1 | 7,0 | 0,8 |
| Доруворӣ | 2,9 | 24,7 | 14,1 | 1,0 | 0,7 | 2,2 | 2,2 | 0,8 | 1,2 | 1,9 | 4,7 | 4,5 | 9,2 | 7,7 | 9,3 | 10,4 | 10,7 | 6,3 | 6,4 | 0,1 |
| Сӯзишвории нақлиёт | 2,0 | -7,0 | 2,9 | 27,7 | 25,9 | 17,2 | 14,1 | 8,9 | 11,9 | 26,4 | 27,1 | 20,4 | 14,1 | 15,5 | 18,1 | 12,2 | 7,2 | 3,0 | 5,4 | 2,7 |
| Дигар намуди сӯзишворӣ | 1,3 | 19,0 | 3,0 | 0,9 | 0,4 | -7,7 | -8,1 | -8,1 | -8,1 | -8,9 | -8,9 | -8,9 | -8,9 | -8,9 | -12,5 | -8,4 | -8,4 | -4,5 | -5,0 | -2,7 |
| Васоити нақлиёт | 0,9 | -2,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 2,9 | 4,4 | 4,4 | 4,4 | 4,4 | 4,5 | 4,5 | 5,2 | 5,2 | 8,3 | 8,1 | -0,2 |
| Лавозимот ва ашёи дигари истифодабарии шахсӣ | 1,5 | 7,6 | 7,1 | 8,6 | 7,3 | 8,5 | 9,1 | 9,5 | 9,7 | 11,9 | 13,1 | 10,6 | 8,4 | 9,0 | 8,7 | 8,3 | 8,7 | 8,5 | 8,5 | 0,8 |
| **Хизматрасониҳо** | **15,2** | **2,2** | **4,5** | **7,7** | **7,9** | **6,0** | **5,0** | **4,5** | **4,7** | **7,3** | **9,5** | **8,0** | **4,3** | **3,2** | **6,7** | **4,9** | **2,1** | **3,1** | **3,4** | **0,6** |
| Манзилӣ-коммуналӣ | 5,2 | 3,2 | 9,8 | 17,5 | 17,1 | 12,6 | 11,7 | 11,3 | 13,6 | 20,5 | 19,2 | 14,9 | 11,3 | 5,6 | 14,0 | 10,8 | 9,8 | 9,6 | 12,3 | 2,0 |
| Иҷорапулии манзил | 0,2 | 14,3 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 1,4 | 1,4 | 4,6 | 4,6 | 4,6 | 5,0 | 5,0 | 5,0 | 5,0 | 5,0 | 5,0 | 5,0 | 6,5 | 2,9 |
| Обрасонӣ ва партовбарорӣ | 0,7 | 20,1 | 5,1 | 9,1 | 11,6 | 8,4 | 8,4 | 8,4 | 9,5 | 9,5 | 9,5 | 9,5 | 9,5 | 14,2 | 9,4 | 9,4 | 8,4 | 8,4 | 8,7 | 0,0 |
| Қувваи барқ | 2,6 | 0,0 | 28,6 | 14,7 | 15,0 | 15,0 | 15,0 | 14,9 | 14,9 | 14,9 | 14,7 | 14,7 | 14,7 | 0,6 | 14,9 | 14,9 | 14,6 | 14,6 | 14,6 | 0,0 |
| Оби гарм | 0,0 | 14,6 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 0,0 |
| Газ | 1,1 | -6,3 | -6,6 | 40,1 | 35,7 | 13,4 | 8,5 | 7,2 | 17,2 | 52,3 | 44,7 | 24,8 | 8,7 | 13,4 | 20,4 | 6,2 | 2,8 | 0,9 | 14,1 | 9,9 |
| Нақлиёт | 4,4 | -2,3 | -1,4 | 2,8 | 5,0 | 3,3 | 0,7 | -0,2 | -1,9 | -0,6 | 7,2 | 6,0 | -0,7 | 2,1 | 5,2 | 2,9 | -4,8 | -0,7 | -2,4 | 0,0 |
| Алоқа | 1,6 | 0,8 | 0,0 | 1,3 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,0 | 0,0 |
| Маориф | 1,6 | 2,6 | 11,3 | 5,3 | 2,0 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 0,2 | 0,3 | 0,3 | 0,3 | 0,7 | 0,7 | 0,7 | 0,1 |
| Тандурустӣ | 0,8 | 14,0 | 1,9 | 1,7 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Маишӣ | 1,9 | 12,3 | 5,2 | 1,1 | 0,9 | 1,3 | 1,5 | 1,5 | 1,8 | 2,9 | 3,1 | 3,1 | 1,8 | 2,5 | 2,8 | 3,3 | 3,3 | 2,9 | 3,2 | 0,4 |

*Дар ҷадвали мазкур номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасониҳои истифодаи онҳо ба таври умум ё серистеъмоли аҳолӣ нишон дода шудааст. Аз ин лиҳоз, маълумоти пурра оид ба номгӯи маҳсулот (аз рӯи сабади истеъмолӣ-546 номгӯи маҳсулот) дар сомонаи расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (www.stat.tj) ҷойгир мебошад.
** - Ошхона, қаҳвахона ва тарабхонаҳо